Ба шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Давлатов Сорбон Назримадович дар мавзӯи «Идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳонишавии иқтисодӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти унвони номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 - иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент**

Дар шароити рушди ҷаҳонишавии иқтисодӣ яке аз масъалаҳои мубрами рӯз, ки ба рушди иқтисодии кишвар таъсири калон мерасонад ва омили муҳими баландбардории некӯаҳволӣ ба ҳисоб меравад, идоракунии сармояи инсонӣ мебошад. Маҳз сармояи инсонӣ имкониятҳои ҷорӣ намудани технологияҳои пешқадами инноватсионӣ ва дастовардҳои илмию техникиро муайян мекунанд, ки тараққиёти иҷтимоию иқтисодии ҳар як субъекти иқтисодиёт аз онҳо вобастагии калон дорад.

Бинобар ин, таҳқиқи комплексии раванди рушди сармояи инсонӣ дар давраи шаклдигаркунии низоми муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ошкор кардани хусусиятҳои рушд ва таъсири он ба инкишофи иҷтимоию иқтисодии низоми иқтисодии миллӣ хеле мубрам мебошад.

Мавзӯи диссертатсионии мазкур, ки ба таҳқиқи масъалаҳои мубрами идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити зудтағйирёбандагии рушди ҷаҳонишавии иқтисодӣ бахшида шудааст, муҳимнокӣ ва сари вақтӣ будани онро тасдиқ мекунад.

Омӯзиши автореферат нишон медиҳад, ки дар он мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот ба таври мушаххас нишон дода шуда, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии идоракунии сармояи инсонӣ баррасӣ карда шудааст, вазъи маълумотгирии касбӣ ва ҳолати бозори меҳнат таҳлил карда шудааст, роҳҳои такмилдиҳӣ ва инкишофи менеҷменти сармояи инсонӣ муайян карда шудааст, ки дар натиҷаи он ба муаллиф муяссар шуд, то ки як қатор тавсияҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок таҳия намояд, ки барои такмилдиҳии низоми идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити зудтағйирёбандаи иқтисодиёти ҷумҳурӣ аҳамияти амалӣ доранд.

Қайд кардан зарур аст, ки аз тарафи муаллиф як қатор корҳои муайян ба анҷом расонида шудааст, ки онҳоро аз нуқти назари илмӣ ва амалӣ дар таҷрибаи идоракунии сармояи инсонӣ истифода бурдан мумкин аст.

Хулосаҳои илмӣ ва натиҷагириҳои умумие, ки дар автореферати диссертатсия дарҷ гардидаанд, метавонанд асоси фаҳмиши илмии моҳият ва аҳамияти сармояи инсониро дар шароити иқтисоди бозоргонӣ

инъикос намоянд ва дар фаъолияти корхонаҳо, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва дигар сохторҳо ҳангоми таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ ва ҷамъиятии ба нигоҳдорӣ ва рушди сармояи инсонӣ равонагардида истифода бурда шаванд.

Дар автореферати тақризшаванда, дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ, баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд:

1. Дар автореферат таҷрибаи хориҷии идоракунии сармояи инсонӣ баррасӣ шудааст, аммо доир ба истифодаи амалии он дар Ҷумҳурӣ таҳлил карда нашудааст.

2. Хулосаи довталаб дар бораи баҳодиҳии истифодаи сармояи инсонӣ далелҳои эътимодбахштарро талаб мекунад.

3. Дар автореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ дида мешаванд.

Камбудиҳои зикргардида моҳияти назариявӣ ва амалии рисолаи мазкурро кам намекунанд ва дорои характери тавсиявӣ мебошанд.

Автореферат ва корҳои чопшуда ба пуррагӣ таркиби диссертатсияро дар бар мегиранд.

Дар маҷмӯъ, ҳаминро бояд қайд намуд, ки диссертатсияи Давлатов Сорбон Назримадович дар мавзӯи актуалӣ иҷро карда шуда, ба ҳамаи талаботи Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нисбати диссертатсияҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси нишондодашуда сазовор мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Ш. Шоҳтемур Самандаров И.Ҳ.

Суроғаи донишгоҳ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146. Тел.+992935014316. E.mail: iskandar-s@mail.ru

Имзои д.и.и., профессор Самандаров И.Ҳ. – ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳо Тағоева М.А.